# Рӯзи Модар муборак, Тоҷикистон!



Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Садои мардум

№30 (4926)

ҶУМЪА, 7 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




**Шаб. Маҳтоб табассуми ширине бар лаб, савори гардунаи ишқ дар миёни чамани пургули осмон сайр мекард. Насиме атрогин мевазид ва дар он ширмаҳтоб майсаҳо мурғак мерафтанд. Чирчиракҳо тарона месуруданд, бузғолаҳои ширмаст хоби ширин рафта буданд, ситораҳои ошиқ ба сӯи ҳамдигар чашмак мезаданд.**

# ДОСТОНИ МОДАР



Модар рӯи бистаре, ки бӯи гули ёс медод, осуда мехобид. Ангор фариштае буд, ки аз осмонҳо ба замин омада ва ҳастияш аз нури меҳру вафодорӣ сиришта шуда буд. Дар он дили шаб табассуме ширин дар барги лабони модар ҳувайдо гашт ва чеҳрааш чун гули боғи биҳишт шукуфт. Ӯ хоб медид, хобе, ки касе то он рӯз надида буд, хобе, ки пайғоме дошт ва чун пайке аз олами ғайб ба ӯ мерасид.

Дар хоби модар моҳ дар осмон се давр чархид ва ба сӯи замин омад. Нури замин бештар гашт, дунё зебо шуд, чашмаҳо дурахшиданд, рӯдҳо ҷило доданд, дарахтон ба ҷунбиш омаданд ва шохаҳо дасти дуо гаштанд. Вай писарашро дид, ки савор бар аспи гулибодом хандону шукуфон ба сӯи ӯ меомад. Моҳ ҳам болои сараш дар ҳаракат буд. Ногаҳон маҳтоб ба шакли ҳилол даромад ва рӯи сари писар биншаст. Ҳафт ситораи дигар даври ӯ ба чархиш даромаданд.

Писар аз асп пиёда шуд ва дар ҳоле, ки моҳу ситорагон чун тоҷ рӯи сараш медурахшиданд, дасти модарро бӯсид. Модар ҳам дасти навозиш ба рӯи фарзанд кашид, вале ҳамин ҷо хоб қатъ гашту модар бедор шуд.

Ин хоб орому қарорро аз дили модар рабуд. Ӯ аз куҳансолон шунида буд, ки агар хоб бинӣ моҳ аз осмон биёяду бар сари касе биншинад, ҳамон шахс шоҳ мешавад. Вале модар хобашро ба касе нагуфт, ифшо кардани хоб хосияти хуб надорад, меандешид ӯ.

Рӯзҳо гузаштанду моҳҳо сол шуданд. Ҳар субҳ писар бо дуои модар ба кор мерафту ҳар шом ба дастбӯсиаш мешитофт. Бо ҳар дидани писар он хоб чун навори кино аз пеши чашмони модар мегузашт ва дилаш мисли кабк ба бозӣ медаромаду аз ҳодисаи бузурге гувоҳӣ медод.

Ҳавои Тоҷикистонро абрҳои сиёҳ пӯшонданд, дунё нотинҷ шуд. Одамон ба ҳамдигар бадбин шуданд. Ҳар кас бовари худро ҳақ медонист ва бо дигарандеш душманӣ меварзид. Кор ба ҷое расид, ки силоҳ ба даст гирифтанд ва ба сӯи ҳамдигар тир андохтанд. Ҳастии миллатро хатари нобудӣ таҳдид мекард.

Ба гӯши модар ҳам хабарҳое шум мерасид, ӯро нороҳат мекард, хобашро мепаронд. Вай барои ҷигарбандони худ ва фарзандони мардум хавотир мешуд. Рӯи ҷонамоз дуои ҷони онҳоро менамуд. Илоҳо, сулҳу салоҳ шаваду ба пои касе хор нахалад, талаб мекард аз Худо ва аз чашмонаш ашк ҷорӣ гашта, рухсораҳояшро мешуст.

Вақти пешин ё аср буд, дақиқ ёд надорад. Писар аз кор ба хона омад. Мушавваш ба назар мерасид. Модар ҳам ҳоли ӯро дида ба ташвиш омад.

- Дуои хайрам деҳ, очаҷон! - дасти модарро бӯсид писар. - Бо кори муҳиме ба Хуҷанд меравам.

- Хока гирӣ, зар шавад, ҷони оча! – даст ба дуо бардошт. - Худованд туро дар қатори фарзанди мардум нигаҳ дорад.

Модар ҳамин гуна одат дошт, дар ҳар дуое аввал саодату осоиши давлату миллат, тандурустию хушии ҷомеаро аз Худо мехост, он гоҳ дар ҳаққи фарзандонаш дуо мекард.

Модарон соҳиби дили ҳассос ва бузурганд, онҳо бо як нигоҳ мефаҳманд, ки аз дили ҷигаргӯшаҳояшон чӣ мегузарад, ҳолашон хуб аст ё бад. Он рӯз ҳам модар муҳимияти сафари писарашро ба Хуҷанд ҳис намуд. Вай медонист, ки ӯ корҳои муҳиме дар пеш дорад, рисолати бузургеро бояд анҷом диҳад. Ин чизро пайке аз олами ғайб ба дилаш мерасонд.

Хоби модар ба ҳақиқат мубаддал гашт. Ӯ дар оинаи нилгун дид, ки писарашро Сарвари Тоҷикистон баргузиданд. Ҳаяҷоне вуҷудашро фаро гирифт. Ҳам шод буду ҳам ташвише хотирашро ошуфта мегардонд. Дар чунин замонаи бемеҳру бетараҳҳум кишвареро сарварӣ кардан осон нест. Писари ӯ чӣ гуна бо аждарҳое, ки аз чор тараф оташи ҷангро барафрӯхтан мехоҳанд, сар ба сар мешавад? Модарро фикрҳои мухталиф озор медод, вале садое аз як гӯшаи дилаш баланд гашт: субҳу шом дуогӯи писарат бош! Ӯ оташи ҷангро хомӯш мекунад, сулҳу амниятро ба мардум бармегардонад. Худованд толеи ӯро муборак офаридааст!

Модар даст ба дуо бардошт:

- Худоё, шукри ин рӯзгоре, ки ба мо ато кардӣ, шукри ин Ватан, ин боғу чаман, ин мардуми озодае, ки ба мо додӣ. Ба диёри мо хушбахтиро бирезону наҳсу балоро бихезон, сулҳу сафо биёр, дарду ранҷро бардор! Писарамро амонат ба ту додам, ӯро сарвари шоиста гардон, душманону бадхоҳонашро хору забун соз, давлаташро поянда дору миллаташро сарафроз гардон...

Модарон ҳеҷ гоҳ ғами худро намехӯранд, дар талаби осоиши ҷону тани хеш нестанд, онҳо саодату рифоҳи ҷомеаро мехоҳанд. Медонанд, ки агар ҷомеа ором набошад, хонадони онҳо низ гирифтори ранҷ мегардад. Мурғи шодӣ кӯч мебандад ва мардум ишқро фаромӯш месозанд.

Аз он рӯзе, ки писар Сарвари давлат шуд, ташвиши модар ҳам афзун гашт. Акнун фикру хаёли ӯ фаротар аз хонадон, деҳа ва ноҳияе, ки зиндагӣ мекард, мерафт. Охир, вай акнун модари Раҳбари як давлат аст, дигар наметавонист танҳо дар бораи худашу ҳамдеҳагонаш фикр кунад. Ӯ мисли писараш ғами давлату миллатро мехӯрд, аммо сир бой намедод, фурӯтану меҳрубони ҳама буд. Фақат ҳар гоҳе дуо мекард, вусъати андеша ва хоҳишҳои дили покаш ошкор мешуд. Дар ҳар дуое калимаҳои Тоҷикистон, миллат, ваҳдат, сулҳу ободиро бештар истифода менамуд.

Зане, ки Сарвари давлатро ба дунё овардааст, одами одӣ нест, мегуфтанд одамон дар бораи модар. Аммо ӯ ҳар гоҳе чунин суханонро мешунид, табассуми ширине мекард ва бо ҳамон хоксории ба худ хос мегуфт:

- Худо ҷони модаронро аз санг ҳам сахт офаридааст. Ҳеҷ кас мисли модар ғаму шодии дунёю фарзандонашро бардошта наметавонад. Танҳо модарон медонанд, ки аз дили фарзандон чӣ мегузарад. Ба даргоҳи Худо дуо мекунам, ки ба пои фарзанди касе хоре нахалад ва писари азизи маро ҳам дар паноҳи исматаш нигаҳбон бошад.

Модар медид ва ҳам ҳис менамуд, ки писараш хӯрдану хобиданро фаромӯш кардааст, ҷон дар кафи даст барои сулҳу осоиш мубориза мебарад. Сулҳ, ваҳдати миллӣ, ризоияту гузашт ва одамиятро калиди растагорию амният медонад. Ба душманон дасти муҳаббату дӯстӣ дароз менамояд.

Чӣ касе фарзандро мисли модар мешиносад? Чӣ касе дили фарзандро мисли модар мехонад? Ҳеҷ кас!

Ӯ медонист, ки писараш соҳиби қалби бузург аст. Оташе дар вуҷуди ӯ ҷо дорад, ки торикиҳоро равшан месозад, ҷаҳлу нодониро нобуд мекунад. Худованд ба фарзандаш баракате додааст, ки ба тамоми Тоҷикистон мерасад.

Модар ба писараш бовар дошт. Ӯ медонист, ки бо талоши вай сулҳу осоиш меояд, Тоҷикистон обод мегардад. Хушбахтона, модар ба он рӯзи хуш расид. Мисли Наврӯз бо талоши писари ӯ Тоҷикистон таваллуде дигар ёфт, шукуфону зебо гашт. Мисли Меҳргон ба рӯи дастархони он баракат рехт, хайру саховат омад. Мисли Сада оташи ишқу муҳаббат хонаҳоро гарм сохт.

Зиҳӣ модаре, ки чунин фарзанди бузургеро ба дунё овардааст!

**ВОРИС,**
**«Садои мардум»**

# МАКТАБЕ, КИ МУҲАССИЛАШ БУДАН ИФТИХОР АСТ

- Оҳҳҳ, - нидо карданд Пешвои миллат, замоне ки дар ноҳияи Сангвор расми якҷо бо модари бузургворашон наққошишуда эҳдо шуд. Расмро бӯса карданду гуфтанд: «Сабабгори хондани ман модарам аст. Падарам иҷозат надоданд, танҳо мемонам гуфта. Модарам гуфт, ки аз тани бачам низ кор мекунам, тамоми корҳои хоҷагиро иҷро менамоям. 12 сол падарамро, ки бистарӣ буданд, хеле хуб нигоҳубин карданд. Бисёр заҳмат кашиданд, ҳафт ятими аз акаву додарҳо мондаро ба воя расонданд, хонадор карданд. Модарам вақте сухан мегуфтанду насиҳат мекарданд, маслиҳат медоданд, мегуфтӣ академик аст… Сухане, ки модар ба фарзанд мегӯяд, касе гуфта наметавонад. Он суханоне, ки ман аз модар шунидам, аз касе нашунидаам. Ҳар фарде, ки дуои неки падару модарро гирифта бошад, ҳаҷаш қабул аст. Вобаста ба ғамхорӣ дар ҳаққи волидон бояд баҳонаҳои ман вақт надорам, серкорам набошад. Ҳамаи моро маҳз модар ҳаст кардааст, пайғамбар низ аз домони поки модар ба дунё омадааст».

Ин намунаи ягонаи қадршиносиву самимият ва эҳтирому ихлоси Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба модарашон ва дар симои ӯ ба занону модарони тоҷику тоҷикистонӣ нест. Мо ба риққат омадани Пешвои миллат, хоса дар чашмонашон ашк ҳалқа заданро замони ифтитоҳи пайкараи модар дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд хуб дар хотир дорем. Ҳолати дигар соли 2023, вақти ироаи Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат, ба амал омад. Шоҳид будам, ки вақте Пешвои миллат дар бобати



модар бо самимияту эҳтироми хоса сухан гуфтанд, аҳли толор ашк рехтанд. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки маҳз таъкиди ҳамонвақтаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Мову шумо на фақат дар як Рӯзи Модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем» рафоқату муҳаббатро дар ҷомеа нисбат ба зан-модар афзун кард. Зимни ироаи Паёми соли гузашта низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, минҷумла зикр шуд, ки «Хурдсолитона ба ёд оред, чӣ гуна аз модар суханони меҳрубонона шунидед ва чӣ гуна ғамхорӣ дидед. Он меҳрубоние, ки модар ба фарзанд мекунад, ягон шахси дигар карда наметавонад».

Ҳолати таваҷҷуҳбарангезу ҷолиб ҳангоми сафарҳои кории Пешвои миллат ба манотиқи гуногуни мамлакат зиёданд. Хоса, ба пешвози Роҳбари мамлакат баромадани модари солхӯрдаи бадахшонӣ ва муоширати фарзандвори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ӯ, суханронии одӣ, вале бениҳоят самимии модари дарвозӣ дар ҳузури Пешвои раиятпарвари миллат бениҳоят таъсирбахшанд. Дар маҷмуъ, чунин мисолҳо хеле зиёданд.

Чунин руҷуъ доштани матлаб рамзу ҳикмати хос ва мақсади мушаххас дорад. Сухан сари мавҷудияти боз як мактаби дигари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меравад. Дар бораи мактаби сулҳофарӣ, ҷасорату мардонагӣ, сиёсатмадорӣ, бунёдкорӣ, қонунофарӣ ва тарбияи фарзанди ин абармард таълифот шудааст. Мактаби дигаре ҳаст, ки мутаассифона, то ин вақт аз мадди назари пажӯҳишгарон, шоиру нависандагон - аҳли зиё то андозае дур мондааст. Ин мактаби эҳтиром ва самимияту муҳаббати фарзанд ба модар буда, беназир, намунаи ибрат ва арзандаи ситоиш аст. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бунёд гузоштани ин мактаб эҳтирому ихлоси беандозаи фарзанду модарро ба маърaз гузоштанд, мақому манзалати занонро таври бесобиқа боло бурданд ва аҳли ҷомеаро даъват намуданд, ки ба ин амали нек пайравӣ намоянд.

### ФАРМОНЕ, КИ ЗАНОНРО ФАРМОНРАВО КАРД

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», ки соли 1999 содир шудааст, аз аввалин ибтикороти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, ба маънои рамзиаш занони кишварро сари фармон овард. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки дар ягон кишвари олам мисли давлати мо занон мавриди таваҷҷуҳу дастгирӣ қарор надоштанду надоранд. Қаблан, аз ҷумла, дар замони шуравӣ зани тоҷик он мақому манзалатеро надошт, ки ҳоло дорад. Хуб дар хотир дорем, ки он айём аксар занони курсинишин намояндагони миллатҳои ғайр буданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# АҲДИ ШИКАСТА

**Духтараки чашму абрӯсиёҳ пас аз субҳона сарулибосашро ба бар карду ба оина нигарист: рухсораҳои чун гули себ шукуфон ва мижгонҳои дарози боло бардоштааш ҳусни ӯро дучанд мекарданд. Пироҳани атласи ба танаш зебою шинам қомати ӯро ҷаззобу дилкаш нишон медод. Нигоҳаш ҳам самимию пурмеҳру пурэҳсос буд. Ӯ дар олами зебои наврасии хеш ҳамеша бо хаёлҳои ширин роҳ мерафт, ҳамеша ба олами афсонаҳо ташриф меовард...**



Рӯзе модараш бемор шуд. Духтарак бисёр гиристу аз бемории модар ранҷ кашид. То шифо ёфтани модар лаб ба ягон чиз набурд. Ӯро хуб парасторӣ кард. Модар сиҳат шуд, сари по хест. Духтарак ҳарфи шукрона бар лаб ба модар нигарист. Нури табассумҳои ширинаш чеҳраи ӯро барафрӯхт:

- Очаҷон, аз шумо як хоҳиш дорам. Ҳеҷ гоҳ бемор нашавед, ки таҳаммул карда наметавонам. Беандоза дӯстатон медорам. Аз ҳама касу аз ҳама чиз зиёдтар!

Чеҳраи модар болид ва духтарашро ба оғӯш кашиду бӯсид:

- Хуб шудааст, нози оча. Ҳеҷ гоҳ танҳоят намегузорам. Аммо инро бидон, ки ман ҳам мисли ту айнан ҳамин суханҳоро ба модарам гуфта будам. Вале рӯзе фаро мерасаду яке меояд, ки вайро аз ман бештар дӯст хоҳӣ дошт. Ба ин бовар дорам!

Духтарак лаҳзае аз ин сухани модар гиҷ шуд, вале боз бо ҳамон табассуми ширин гуфт:

- Ман туро аз дигар аъзои оилаамон зиёдтар дӯст медорам. Ин дӯстдорӣ то абад хоҳад буд.

Модар лабханде зад:

- Духтарам, шунидани садоят гармиеро дар вуҷудам бедор мекунад, ки дарду ғамро фаромӯш кунам. Тамоми дуоҳои некамро бо тамоми вуҷуд ба ту мебахшам. Худованд умри дарозат диҳад. Зиндагият мисли шаҳду шакар ширин бошад. Чашми бад аз ту дур бод, азизи оча. Кӣ медонад гардиши ин чархро? Худо хоҳад, рӯзҳои пурсаодати зиндагии ту дар пеш аст...

Духтар қадрас ки шуд, дӯсте пайдо намуд, бо ҳам хеле самимию наздик шуданд. Ҳарфҳои дили хешро ба ҳам мегуфтанд, ба қавле, мисли гӯшту нохун шуда буданд. Бо вуҷуди ин, фикр мекард, ки ҷои модарашро касе намегирад.

Замоне ки донишҷӯ шуд, мурғи ишқ ба суроғаш омад. Беқарор гашт, вуҷудашро изтиробе фаро гирифт. Намедонист чӣ кор кунад, лаҳзаҳою соатҳо барои ба висоли ҳамдигар расидан мисли соле мегузашт. Ишқу муҳаббат чун оташе тамоми вуҷудашро месӯхт. Вақте бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд, мисли мум об мегашт. Хаёл мекард, ки дигар наметавонад ба қавле, ки дар даврони бачагияш ба модар дода буд, амал кунад, вале бо мурури вақт тағйир ёфт. Дар тарозуи ақл баркашид: ишқ ё модар? Барояш тафовут гузоштан душвор буд. Аз ин эҳсос ранҷ мебурд, вале ғолиб омад эҳсоси фарзандӣ, дастболо шуд меҳру бузургии модар.

Аз байн чандин сол гузашт. Оиладор шуд. Рӯзе яке омаду тамоми зиндагияш дигар гашт. Рӯзаш бо хандаю гиряҳои ӯ оғозу анҷом меёфт. Яке аз рӯзҳо модар ба дидорбинияш омаду муҳаббату навозишҳои самимии ӯро нисбати тифлакаш дида, бо хушҳолӣ ва табассуми ба худаш зебанда гуфт:

- Духтарам, дидӣ, ки ба қавлат амал карда натавонистӣ? Суханҳои гуфтаи ман ёдат ҳаст?

Модарам дар ҳақиқат рост мегуфт, тифлакамро аз ҳар касеву ҳар чизе бештар дӯст медоштам. Бо омаданаш ба зиндагиям ба ман фаҳмонд, ки доштанаш бузургтарин шодии дунё будааст. Ман нохудогоҳ наметавонистам ба аҳди дар замони наврасӣ додаам амал кунам. Чун худам модар шуда будам.

**Гулбаҳор РАҲМОНОВА, «Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ВИҶДОНИ ИНСОНӢ «ДАР БОРАИ МОДАР»

**Яке аз дастовардҳои асосии башарият офаридани қонун аст, зеро маҳз қонун тамоми соҳаҳои ҳаёти инсониро танзим мекунад. Пайдоиши қонунҳо ҳам чун дигар унсурҳои ғайримоддӣ натиҷаи ниёзи инсонҳо барои танзими муносибатҳо мебошад. Аз ин рӯ, дар тӯли таърихи дароз одамизод ба он шарафёб шуд, ки барои зиндагии босаодати худаш меъёрҳоеро муайян ва риоя намояд. Дар давлатҳои демократию ҳуқуқбунёд қонун «санади ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақоми олии қонунгузори ҳокимияти давлатӣ ва ё тариқи овоздиҳии умумихалқӣ бо тартиби махсус қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим месозад. Қонун асоси низоми ҳуқуқии давлатро ташкил менамояд ва қонун нисбат ба ҳар гуна санадҳои ҳуқуқӣ қувваи баланди ҳуқуқӣ дорад».**

Чун дар низоми давлатдорӣ қонун мақоми баланд дорад, мо низ дар арафаи Рӯзи Модар тасмим гирифтем, ки матлаби ҷашниро дар қолаби қонун таҳия намоем.

Қонуни мазкур дар заминаи қоидаҳои нонавиштаи ҳаёт таҳия шуда, фарогири масъалаҳои ахлоқӣ мебошад.

**Моддаи 1. Мафҳуми асосӣ**

Қонуни мазкур аз як мафҳуми асосӣ – Модар иборат мебошад.

**Моддаи 2. Сарчашамаи ҳаёт**

Модар сарчашмаи ҳаёт ва самимитарин ва меҳрубонтарин фард дар сайёраи Замин аст.

**Моддаи 3. Эҳтироми Модар**

Эҳтироми Модар аз масъалаҳоест, ки дар адабиёти хаттии зиёда аз ҳазорсолаи мо ҳамеша инъикос шудааст. Инчунин, дар сарчашмаҳои таърихӣ, нақлу ривоят ва устураҳои миллати мо ҳамеша зери ҳимоя будан ва аз ҷониби фарзандону дигар қишрҳои ҷомеа эҳтиром шудани Зан-Модар васф шудааст. Аз ин рӯ, моро мебояд дар эҳтироми Модар саҳлангорӣ накунем, то асолат ва рисолати мо халалдор нашавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони занони кишвар (6 марти соли 2007) таъкид кардаанд: «Арҷ гузоштан ба мақому манзалат, қадру қимат ва иззату эҳтироми Модарону занон қарзи фарзандӣ ва фарзи имонии ҳар як инсон аст. Ин рисолатро мо дар сурате адо карда метавонем, ки ба қадри шири поки Модарон, меҳрубониву ғамхории самимии занон ва хоҳарону духтарони худ бирасем».

**Моддаи 4. Бузургон дар васфи Модар**

Тамоми бузургони ҷаҳон парвардаи домони Модаранд. Аз ин рӯ, Модарро бо бузургтарин суханҳо васф кардаанд. Наполеон гуфтааст, ки «Модар бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро такон медиҳад». Муҳаммад Ҳиҷозӣ бошад, «Ягона доваре, ки гуноҳи моро мебахшад, Модар аст», мегӯяд. Балзак таъкид кардааст, ки «Модар воситаи эҷод ва рамзи хилқат аст. Ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ наметавонед муҳаббате беҳтар ва воқеитар аз муҳаббати Модар биёбед».

Бузургии Модар ба ҳаддест, ки ҳеҷ сухан шаҳомати онро бозгӯ карда наметавонад. Аз ин ҷост, ки Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

**Гар шоирони олам якҷо мадеҳа гӯянд,**
**Як байт ҳам наарзад андар санои Модар.**

**Моддаи 5. Модар – Ватан, Замин - Модар**

Модар бемислу қиёс аст, ки ҳамтои ӯро касе ёд надорад. Он ҳама осору ганҷгуфторҳо дар васфи Модар танҳо ҷузъиёте аз бузургии Модар аст, ки ба чизе ташбеҳ медиҳанд. Масалан, агар сухан дар бораи меҳри Модар равад, пас гармии онро ба хуршед монанд мекунанд, аммо Модар



ҳамчун зарфияти ташбеҳ ҳангоми ба забон гирифтани номи арзиши муқаддаси дигар - Ватан ба кор бурда мешавад. Чун синоним истифода шудани Ватан-Модар дар фарҳанги мо собиқаи тӯлонӣ дорад. Аз ҷумла, Абурайҳони Берунӣ дар китоби худ «Осор-ул-боқия» аз ҷашни хоси занон бо номи «Исфандормуз» ёд карда мегӯяд, ки «Исфандормуз» эзади муаккал бар замин ва эзад ҳомӣ ва нигоҳбони занони шавҳардӯст ва порсо ва дурусткор буда. Ба ҳамин муносибат ин рӯз иди занон ба шумор мерафт. Мардум ба ҷиҳати гиромидошт ба онон ҳадя дода ва бахшиш мекарданд. Занон на танҳо аз ҳадоё ва деҳишҳое бархӯрдор мешуданд, балки ба навъе дар ин рӯз фармонравоӣ мекарданд ва мардон бояд, ки аз онон фармон мебурданд. Сипиндормузд нигаҳбони замин аст ва аз он ҷо, ки замин монанди занон дар зиндагии инсон нақши борварӣ ва бордеҳӣ дорад, ҷашни Исфандгон (испандгон) барои гиромидошти занони некукор баргузор мегардад. Эрониён аз дер боз ин рӯзро рӯзи зан ва рӯзи Модар меномиданд».

**Моддаи 6. Рӯзи Модар**

Дар кишвари мо ҳамасола 8–уми март ҳамчун Рӯзи Модар ҷашн гирифта мешавад. Ин сана ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 3 ноябри соли 1995, №98, дар кишвари мо расмӣ шудааст, ки нишон аз таваҷҷуҳ ва арҷгузории давлат ба Модарон мебошад, аммо бузургони мо талқин кардаанд, ки барои гиромидошти Модар ҳар рӯз бояд саъй кард.

**Моддаи 7. Зан-Модар таҳти ҳимояи давлат**

Дар давлати соҳибистиқлоли мо - Тоҷикистон бонувон зери таваҷҷуҳи доимӣ қарор доранд. Кишвари мо дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда конвенсияҳои байналхалқиро «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи занон» (26 июни соли 1993), «Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии зан» (14 майи соли 1999) ба тасвиб расонд. Инчунин, баъд аз Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул гардида, «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ду марҳила (солҳои 2011-2020 ва 2021-2030), «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд» дар се марҳила (барои солҳои 2007-2016, 2017-2022 ва 2023-2030) қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд.

**Моддаи 8. Модар ва фарзанд**

Модар, чун бузургтарин офаридаи Худованд, тамоми ҳастиашро ба фарзанд мебахшад. Аз ин ҷост, ки «Ҷаннат дар зери қудуми модарон» гуфтаанд. Донишманде аз ин ҳадис ҳикмати зебое эҷод кардааст:

«Аз Модар пурсиданд, ки вақте биҳиштро бароят ҳадя карданд, чаро онро зери қудумат гузоштӣ?

Гуфт:

- Ба хотире, ки бо дастонам фарзандамро ба оғӯш гирам.»

Вақте Модар ҳамаи ҳастиашро ба фарзанд бахшидааст, пас фарзанд низ бояд Модарро ҳамеша азизу гиромӣ дорад.

**Пас ҳастии ман зи ҳастии ӯст,**
**То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.**

**Моддаи 9. Модар - фаришта**

Фаришта сокини олами қудсист. Аз ин рӯ, бузургони мо Модарро ба фаришта ташбеҳ додаанд. Фариштаи ҳаёт. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Модар ҳамеша дар тамаддуни зиёда аз шашҳазорсолаи мо поку муқаддас аст. Воқеан, муқаддастарин сокини сайёраи замин Модар аст. Аз ин ҷост, ки ҳар лаҳза калимаи Модар вирди забони мост. Агар нафареро ба суханонамон мутмаин кардани бошем, қасам ба шири сафеди Модар ёд мекунем, агар дарде тану ҷонамонро азият медиҳад, Модар мегӯем.

**Одам ҳама умр хонаву дар гӯяд,**
**Фарзанду зану ёру бародар гӯяд.**
**То нон ба лабаш агар расад, бепарвост,**
**Чун ҷон ба лабаш расид, Модар гӯяд.**

Пас, мебояд фариштаи ҳаёт аз ҷониби фарзандон дар мақоми фариштагиаш нигоҳ дошта шавад.

**Моддаи 10. Муқаррароти хотимавӣ**

Иҷро накардани меъёрҳои қонуни мазкур, ки баргирифта аз қоидаҳои нонавиштаи ҳаёт мебошад, ҳеҷ гуна пайомади ҳуқуқӣ надорад, аммо дорои ҷавобгарӣ дар назди виҷдон мебошад. Дар назди виҷдони худ. Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ба қадри шири поки Модар нарасидан, заҳмати бедорхобиҳои ӯро фаромӯш кардан, ба Падару Модар ситам кардан ва дар пириву дармондагӣ ба қадри ранҷу азоби онҳо нарасидан бузургтарин гуноҳ аст».

Бале, агар мо хостори саодати ду ҷаҳонем, пас бояд ҳеҷ гоҳ аз заҳматҳои кашидаи Модар фориғ набошем.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# МАКТАБЕ, КИ МУҲАССИЛАШ БУДАН ИФТИХОР АСТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Тоҷикистон миёни кишварҳои ИДМ ягона давлатест, ки Сарвараш чунин фармонро содир кардааст. Ин ҳуҷҷати муҳим барои таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Кодекси оила, «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ замина гардид.

Шурӯъ аз ҳамон вақт таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон қисми таркибии сиёсати давлатӣ интихоб ва эътироф гашт, ки он дар «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» возеҳу равшан инъикос ёфтааст. Дар маҷмуъ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии занону духтарон қариб 30 ҳуҷҷати муҳими давлатӣ қабул шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 узви Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мақоми зан гардид.

## КВОТА ВА ДИГАР ИМТИЁЗҲОИ МАКТАБИ ПЕШВО

Ба шарофати мактаби Пешвои миллат шумораи занон дар вазифаҳои роҳбарикунандаи давлатӣ зиёд шуд. Барои дастгирии занону духтарон дар зинаҳои гуногун квота ва имтиёзҳо муқаррар гардид, ки яке аз роҳҳои таъмин намудани баробарҳуқуқии занону мардон маҳсуб шуда, моҳиятан файзу баракати мактаби Пешвои миллатанд.



Агар ба далелу арқоми он вақт мутаваҷҷеҳ шавем, соли 2005 занон 7,6 фоизи ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти идоракунии давлатӣ, 8,1 фоизи кормандони вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, 13,8 фоизи ҳайати роҳбарикунандаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медоданд. Маҳз дар ин давра намояндагии занон дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – ҷамоатҳо тамоюли афзоиш касб намуд. Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд. Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 278 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд. Аз оғози ҷорӣ гардидани Квотаи президентӣ, яъне дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо ин квота хатм кардаанд. Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳибмаълумот шудаанд. Алъон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз 214 ҳазор нафар донишҷӯ 89 ҳазор нафарро духтарон ташкил медиҳанд.

## ГУРДОФАРИДҲОИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Аз файзи самари мактаби эҳтиром ва самимияту муҳаббати фарзанд ба модар гурдофаридони тоҷик низ баҳраваранд. Занону модарони бонангу номуси мо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуда, ба таъбири Пешвои миллат, «мисли гурдофаридҳо ба қиём баромаданд, дар таҳкими давлат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд».

Ҳоло дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ занон либоси низомӣ ба бар намуда, баробари мардон дар як саф қарор доранд. Теъдоди онҳо қариб ду ҳазор нафарро ташкил дода, дар миёни онҳо генерал ва қариб 100 нафар полковник мебошанд. Дар гузаштҳои низомӣ бонувон-хизматчиёни ҳарбӣ фаъолона иштирок мекунанд. Гурдофаридони тоҷик борҳо собит карданд, ки дар ҳифзи Ватан на камтар аз мардон метавонанд саҳим бошанд.

Дар маҷмуъ, файзи мактаби эҳтиром ва самимияту муҳаббати фарзанд ба модар, ки бунёдгузораш Пешвои миллат ҳастанд, афзуну муҳассили он будан мояи ифтихор аст. Моро мебояд суханони Пешвои миллат - «Ба ҷавонмардони миллат хотиррасон месозам, ки ба қадри шири сафеди модар ва заҳмати ӯ расед, модарону занони худро самимона дӯст доред, доимо пуштибони онҳо бошед ва коре кунед, ки модарону занони тоҷик на ашки ғаму ғусса, балки фақат ашки шодӣ резанд»-ро сармашқи зиндагии худ қарор диҳем.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# МАВҶУДИ БЕБАҲО

**Агар эҷодиёти тамоми шоирону нависандагони дунёро таҳлил намоем, бешак, мавзуи модар мақоми аввалро соҳиб хоҳад шуд. Сабаб дар он аст, ки модар сарчашмаи меҳру муҳаббат ва манбаи илҳоми ҳар яки мо мебошад.**

Нависандаи маъруфи фаронсавӣ Оноре де Балзак дар васфи модар чунин гуфтааст: «Модар нафарест, ки зиндагӣ меофарад ва онро дар набарди ҷовидонаи ҳаёту марг зинда нигоҳ медорад. Касе дар раванди зиндагӣ наметавонад муҳаббате амиқтар, самимитар ва воқеитар аз муҳаббати модари хешро дарёбад».



Пуртаъсиртарин сурудҳо низ дар васфи модар аст. Аз ҷумла таронаҳои «Хушрӯз, модарам»-и Тоҷиддин Муҳиддин, «Боз омадам»-и Зафар Нозим, «Модари ман боз ба ман деҳ» ва «Бинозам қалби покат, модари ман»-и Аҳмад Зоҳир дили ҳар шунавандаро ба риққат меоранд.

Меҳре, ки модар ба фарзанд медиҳад, ягон нафари дигар ҷои онро гирифта наметавонад. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақл мекунанд, ки охирин нидое, ки сарбозони захмӣ пеш аз марг ба забон меоварданд, «Модарҷон!» буд. Нависандаи шинохтаи рус Николай Некрасов ин нуктаро чунин баён кардааст: «Мо хоҳар, зан ва падари худро дӯст медорем, аммо дар вақти азобу ранҷҳо модари худро ба ёд меорем».

Муовия ибни Ҷоҳима нақл мекунад, ки падарам - Ҷоҳима ба назди ҳазрати Муҳаммад (с) рафта изҳор дошт:

- Мехоҳам дар ғазо ширкат намоям.

Паёмбари гиромӣ аз ӯ пурсиданд:

- Оё модар дорӣ?

Ҷоҳима арз намуд:

- Оре!

Он гоҳ расули Худо фармуданд:

- Пас дар назди модар ва дар хизмати ӯ бош, зеро биҳишти ту дар зери қадамҳои модар аст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ҳадиси мазкурро чунин ба риштаи назм кашидааст:

**Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,**
**Гарде аз роҳи модарон бошад.**
**Хок шав зери пойи ӯ, ки биҳишт**
**Дар қадамҳои модарон бошад.**

Дар замони ҷоҳилият (давраи пеш аз ислом) барои мардуми араб таваллуди духтар нанг ҳисоб меёфт. Аз ин рӯ, духтари худро мисли моли нолозим ба биёбон бурда, зинда ба гӯр мекарданд. Мутаассифона, имрӯз низ чунин одати нангин, яъне духтарбезорӣ бо шаклҳои дигар дар бисёр кишварҳо роиҷ аст. Масалан, дар Чин ва Ҳиндустон баъзе падарон вақте мефаҳманд, ки ҷанини батни модари ҳомила духтар аст, онро исқот (аборт) мекунанд. Бархе тиҳимағзон вақте ҳамсарашон духтар ба дунё овард, ношукрӣ карда, аз ӯ ҷудо мешаванд, ҳол он ки ҳазорон нафар дар орзуи фарзанданд.

Зан ҳамчун модар, ҳамсар, хоҳар ва духтар, аз азал дар ободу рангин кардани ҷомеаи башарӣ нақши муҳиму арзанда дорад.

Ҳақ бар ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таъкид кардаанд: «Ҳеҷ кадоме аз мо наметавонем, ки заҳмату бедорхобии ҳатто якшабаи модари худро ҷуброн кунем. Вале ба ҳар ҳол, мо - фарзандон бояд кӯшиш кунем, ки ба қадри модари мушфиқ, ранҷу машаққат ва ғамхориҳои ӯ расем, то метавонем хизматашро ба ҷо оварем ва дуои некашро гирем. Зеро модар мавҷуди муқаддастарин ва азизтарину бебаҳотарин барои инсон ва сазовору арзандаи ҳама гуна парастиш, дӯстдорӣ ва ғамхорӣ мебошад».

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ҲАДИСИ МОДАР

**Модар! Шунидани ин калима ҳамеша дарди диламро афзун мекунад. Хотироти парешону пур аз заҷреро дар зеҳнам зинда месозад. Ман, ки як марди қавӣ ва ошиқи зиндагӣ ҳастам, ҳар гоҳе модарамро ба ёд орам, чашмонам ҳавзи об мешаванд, буғзе гулӯямро фишор медиҳад. Ман худамро дар баробари ном ва ёди модар нотавон ҳис мекунам...**

Дусола будам, ки модарам дунёро падруд гуфт. Вай шояд бо лабханде ширин ва ё чашмоне пур аз умед аз ҳаёт рафт. Марги ӯ барои ман гарон афтид. Замоне ки ман оҳиста-оҳиста ба шинохтани дунё шурӯъ кардам, бемодарӣ дар симоям асари худро гузошт. Медидам, ки падарам бори зиндагиро танҳо мекашад. Ман баъди модарам тамоми меҳри худро ба падарам гузоштам. Оғӯши гарми ӯ ҷои роҳати ман буд, аммо ин роҳат дер давом накард. Чорсола шудам, ки падарам зан гирифт ва маро аз оғӯши гарми падар ва навозишҳои ӯ маҳрум сохт. Ман дигар модарамро хоб медидам, бо ӯ хаёлан роз мегуфтам, аз он ки маро партофта рафтааст, шикоят менамудам.

Мо дар як хонаи пастаки назарногир зиндагӣ мекардем, ки як ҳуҷра дошт. Падарам аз миёни хона пардае кашида буду дар паси он парда бо зани наваш зиндагӣ мекард. Акнун ӯ маро не, ҳамсарашро меҳрубонию навозиш мекард. Ман ҳамаи инро медидам ва то имрӯз он воқеаҳо чун лентаи кино аз пеши назарам мегузаранд.

Модарандарам маро нағз намедид. Ман барои ӯ дар хона бори зиёдатӣ будам. Бемеҳрӣ ва хунукназарии ӯ маро дилхун месохт. Мехостам аз хона фирор кунам, ба ҷое биравам, ки дигар маро наёбанд.

Падарам пеш аз зани дуюм гирифтан ба ман як велосипеди сечарха харида буд. Ҳар субҳ баъди ба кор рафтани падарам ба он велосипед савор мешудаму аз хона мебаромадам, ба куҷое мехостам, мерафтам. Тамоми рӯз маро касе суроғ намекард. Вақте падарам аз кор бармегашт, ба ҷустуҷӯи ман мебаромад ва сарзанишкунон ба хона меовард.

Падарам марди қоматбаланди шӯхтабиат буд. Ҳазлу ширингуфториҳои ӯро мардум дӯст медоштанд. Вай ба ҳамсояҳоямон ҳар гуна лақаб гузошта буду онҳоро бо лақабҳояшон садо мекард. Модарам бошад, ҷавон аз дунё гузашта, лаззати зиндагиро ба серӣ надида буд. Мегуфтанд, ки ӯ ҷавонзани ҳунарманд ва наққоши моҳир будааст. Хонаамонро гулдӯзиҳояш зеб медод, аммо вақте падарам зани дуюм гирифт, он гулдӯзиҳо ба куҷое ғайб заданд. На падарам ва на каси дигаре аз тақдири онҳо пурсон нашуданд.

Ман, ки чеҳраи модарамро дар ёд надоштам, ҳама чизро дар бораи ӯ донистан мехостам. Мани кӯдак фикр мекардам, ки аввалину охирин муттакоямро аз даст додаам. Вақте медидам, ки дигарҳоро модарҳояшон меҳрубонӣ мекунанд, ба оғӯш мекашанд, ба онҳо туҳфае медиҳанд, аз дасташон гирифта



бо худ мебаранд, чашмонам ҳавзи об мешуданд, худамро як бачаи бекас ҳис мекардам.

Рафтору гуфтори падарам баъди зан гирифтан тамоман дигар шуда буд. Аз гапи модарӯгаям намебаромад, ҳар чӣ ки ӯ мегуфт, ҳамонро мекард. Ман вақте дар бораи модарам аз падар пурсиданӣ мешудам, худро ба ногумонӣ мезад, ба саволҳоям посух намедод.

Рӯзе аз вай пурсидам:

- Модарам чӣ ном дошт?

Ӯ оҳиста посух дод:

- Шарифамоҳ!

Акси модарамро баъд аз хизмати ҳарбӣ пайдо кардам. Онро ба ман зани тағои ӯгаям дод.

- Ману модарат дугонаҳои ҷонӣ будем, - гуфт ӯ, - ман ин аксро барои ту пинҳон карда будам.

Акси модарамро гирифтаму ба қабристон рафтам, ба умеде ки гӯрашро пайдо кунам, аммо... Садои зане маро ба худ овард:

- Садқаи қаду қоматат шавам, хоки пот гардам, нишонаи хоҳарам...

Ман моту ҳайрон ба он зан нигаристам. Дидам, ки ашки чашмонаш шашқатор мерезад. Вай маро ба оғӯш гирифта, бӯ кашид, навҳааш баландтар шуд. Ниҳоят худро ба даст гирифту гуфт:

- Ман холаат Солеҳамоҳам. Фалаки каҷрафтор мою туро аз ҳам ҷудо кард. Ба ҷустуҷӯи қабри модарат омадӣ? Мани пошикаста ҳам гӯри ӯро гум намудаам. Хок бар сари ман барин хоҳар...

Ҳамин тавр, холаам Солеҳамоҳро пайдо кардам, вале қабри модарамро не. Ман то имрӯз модарамро меҷӯям аз қиссаҳо, ривоятҳо ва филмҳое, ки дар бораи модарон навиштаанду ба навор гирифтаанд.

Онҳое, ки навозиши модарро дидаанд, меҳри ӯро ҳис кардаанд, одамони хушбахтанд. Ин ки дар кишвари мо бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол 8 март Рӯзи Модар бошукӯҳ таҷлил мешавад, гувоҳи мақоми баланди модарон аст. Модари худро дӯст доред. Паёмбар дар ҳадиси модар мегӯяд:

**Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,**
**Дар зери қудуми модарон аст.**

**Неъматулло АЛИЕВ, «Садои мардум»**

## Эмомалӣ РАҲМОН:

“ АЛБАТТА, ҲАР ЯК ХАЛҚ ВА МИЛЛАТ БО ЗАНОНУ МОДАРОНИ ХУД ФАХР МЕКУНАД, ЛЕКИН МО АЗ ЗАНОНУ МОДАРОНАМОН ИФТИХОРИ ХОСА ДОРЕМ. ЗЕРО МОДАРИ ТОҶИК БО АҚЛУ ФАРОСАТ, ДОНИШУ ТАҶРИБА ВА МУҲАББАТУ САДОҚАТИ ХУД ДАР ҲАҚИҚАТ АЗИЗТАРИН НИГИНИ ТОҶИ МИЛЛАТИ МО МЕБОШАД».

# ДАРСИ ХЕШТАНШИНОСИИ БИБИАМ

**Бибии ман шаст сол пеш ин дунёро падруд гуфтааст, аммо панду насиҳатҳояш то ба ҳол дар гӯшам садо медиҳанд. Номаш Қимат ва барои ману аҳли оилаамон ва ҳамаи онҳое, ки ӯро мешинохтанд, воқеан, шахси қимат ва қадрдон маҳсуб мешуд, зеро «Накукору ба кас роҳатрасон буд».**

Тӯли фаъолияти эҷодиам якчанд маротиба дар бораи бибиам Қимат лавҳаю мақолаҳо навишта, ҳар куҷо, ки имкон шуд, ӯро тавсиф ва ифтихору шукрона мекунам, ки дар оғӯши ин зани бо ақлу фаросат, ҳикмату адолату хоксору нексиришт ва модари меҳрубонам Сайёра парвариш ёфтам. Насиҳату тарбияи онҳо роҳнамои зиндагиам гаштаанд. Маро ҳар лаҳза хумори суҳбати ин ашхоси бароям бисёр азиз мегирад.

Ҳоло, ки мо рӯзу шаб телевизор мебинему аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам филму наворҳои гуногун тамошо мекунем ва телефони мобилиро як лаҳза аз худ дур намесозем, таъкиди бибиам ба ёдам мерасад. Солҳои шастуми асри XX, вақте ман тахминан 7-8-сола будам, ба мағозаи деҳаи мо ду телевизори тамғаи «Рекорд» ворид шуд. Падарам муаллим буд ва яке аз ин телевизорҳоро харида, ба хона овард. Барои тамошои «оинаи нилгун» ҳар шаб ҳамсояҳо ба хонаи мо меомаданд. Вале бибиам ба хонаи телевизордор намедаромад. Баъзан мо - бачаҳо ҳангоми дар гирди дастурхон якҷоя нишастан шӯхӣ карда, оҳиста телевизорро дармегирондем, вай зуд рӯяшро бо рӯймолаш печонда, аз сари дастурхон мехест ва ҳамон рӯз қаҳр карда, ба он ҳуҷра намедаромад. Ба мо рӯ оварда мегуфт: «Рӯзе мерасад, ки ин (телевизор) балои саратон мешавад!»



Ин масъаларо шарҳу тавзеҳ намедиҳам, зеро мавриди назари гуфтори мо дар ин матлаб дигар аст ва тавре дар боло ишора кардам, ҳоло ҳаётамонро бе телевизор ва дигар воситаҳои навтарини маишати рӯзгор тасвир карда наметавонем, ки воқеан, гувоҳи рушду пешрафт аст. Аммо таъсири манфии баъзе навору гуфтор ва барномаҳо, аз ҷумла дар шабакаҳои интернетӣ, хеле зиёд шуда, моро ба ташвиш овардааст. Ман холиё дарк мекунам, ки бибиам ин зани дақиқназару дурандеш низ будааст.

Дарси хештаншиносиро аз бибиам ва волидонам омӯхтам. Бибии Қимат доимо таъкид мекард, ки мо бояд худро шиносем, накукор бошем. Барои тақвияти гуфтаҳояш қиссаю афсонаҳои ҷолиб мегуфт. Шабҳо дар оғӯши бибиам, баъд аз шунидани афсонаҳояш, ки дар он қаҳрамонони некхислату ҳақгӯ ва шуҷоъ ба қувваҳои бадхоҳи аҳриманӣ ғолиб меомаданд, бароҳат хоб мерафтем. Субҳи дигар хушҳол мехестему кӯшиш мекардем мисли қаҳрамонони мусбати афсонаҳои бибиам бошем.

Ҳоло чӣ? Кӯдакону наврасон ва ҷавононамон то нимашаб дар даст телефони мобилӣ, банди тамошои наворҳои гуногунанд, ки оқибати ногувори онро аллакай эҳсос намуда истодаем.

Бибиам Қимат табиби хубу дардошно буд. Ҳамроҳи худ ҳамеша қиёму гулу гиёҳҳои табобатӣ дошт. Тавассути давоҳои омодакардааш иллати гулӯ, гӯш, чашм, узвҳои ҳозима ва дигар дардҳоро табобат мекард. Агар лаҳзае дар суҳбаташ менишастед, хастагиатон бартараф мешуд ва худро хушҳолу бардам эҳсос мекардед.

Аммо дар деҳа вақте табобатгоҳ кушоданд, ба он як духтури русро (ба фикрам номаш Машахола буд) масъул карданд. Машахола ҳам зани хуб буд, ба беморон дору мегузаронд, хаб медод. Акнун сокинони деҳа дар бораи кампири Қимат беморонашонро назди Машахола мебурданд ва албатта, меваю ширинӣ ва ғизоҳои беҳтаринеро, ки барои бибиам меоварданд, ба Машахола низ қисмат мекарданд, ки бибиам аз ин шод мешуд.

Кампири Қимат ҳангоми таваллуди тифлон мушфиқу муттакои модарон буд. Онҳо зимни валодат бисёр мехостанд, ки кампири мушкилкушо дар баршон бошад. Аз ҳузураш неру мегирифтанд, дардашон сабук мешуд. Нигоҳубини тифли навзодро ҳам то дер ба ихтиёри ӯ мегузоштанд. Баъдан ҷои кампири Қиматро даҳҳо Машахолаю Валяапа ва Нинаойтиҳо гирифтанд… Аммо барои ман ва наздиконам ва онҳое, ки бибии Қиматро мешинохтанд, дарси хештаншиносиаш, панду насиҳатҳояш ҳамеша мушкилкушо аст.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# МОДАРИ ҒАМГУСОРИ МАН

**- Ҷони оча, натарс, қадам бинеҳ, ман дар паҳлуят ҳастам, - аммо ман аз тарси он, ки меафтам, аз ҷоям намеҷунбидам. - Амирҷон, натарс, тай-тай…, по-по…, - аз ташвиқи модарам руҳ гирифта чанд қадам бардоштам. Роҳ гаштани маро дида модарам ба шавқ омад ва боз маро ташвиқ намуд:**



- Ана, бинед, Амирҷони ман худаш раҳ гашт, бачаи ман калон шудааст, паҳлавон шудааст...

Ман, ки писарбачаи лоғару назарногире будам, ҳамин тариқ, бо мадади модарам роҳгардон шудам. Аммо як панди модарам, ки он замон гуфта буд, ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳад: «Писарам, имрӯз аз зуд-зуд афтодан наҳарос, лек дар оянда талош кун, ки аз баландиҳо наафтӣ»...

Барои модарам ба дунё овардани ҳашт фарзанд ва ҳифзу нигаҳдории онҳо дар солҳои шастуми қарни гузашта, дар шароити душвори деҳот кори саҳлу осон набуд. Бо музди меҳнати ночизи падар, ки аз субҳи солеҳон то як поси шаб ба кори саҳро банд буд, рӯзамон базӯр мегузашт. Ҳар чӣ ки меёфтем, якҷоя қисмат мекардему баъзан нимсеру нимгурусна хоб мерафтем.

Модарам аз гандуми дар осиёб ордшуда нон мепухт. Мо, бародарон, барои нонпазӣ аз саҳро хасу хошок, янтоқу газу бия ва аз сангоб ҳезум меовардем ва онҳоро барои фасли сармо захира менамудем. Баъзан барфу борони доимӣ сӯзишвории гирдовардаи моро тар мекард ва модарам бо азоб алови оташдонро дармегиронд.

Қиблагоҳам ҳар сол нияти сохтани анбори нигаҳдории сӯзишвориро мекард, вале шояд аз нодорӣ буд, ки онро амалӣ карда наметавонист. Баъзан аз надоштани чунин анбор модарам шиква мекард, вале падарам мегуфт:

- Тахтаю шифер набошад, биноӣ ҳезумхонаро бо чӣ созам, то соли дигар сабр кун!

Модарам ҳар гоҳ нон мепухт, ду фатир барои фардо мегузошт. Мо - бародарон пинҳонӣ нонҳоро ба бистари хоб бурда мехӯрдем. Модарам барои ин кор моро сарзаниш мекарду ҷазо медод. Ба хонаи хобамон даромада, бо химчаи хордор ба рӯи кӯрпаҳоямон сахт-сахт мезад. Ба назар чунин мерасид, ки кӯрпаҳои кӯҳнаю фарсуда бо зарби химчаи хордор лахт-лахт шуда, пахтаҳои даруни онҳо фурӯ мерезанд. Мо, ки аз чӯби хордори модар мурданивор метарсидем, сарҳоямонро аз даруни кӯрпа берун намеовардем. Вақте модарам мерафт, ба хӯрдани нони бомазаи танӯрӣ идома медодем...

Бо чунин рӯзгоре модарам барои соҳибмаърифат, боадолат, қаноатпеша, хоксору хайрхоҳ тарбия кардани мо талош меварзиданд. Он кас дар мактабе нахонда буданд. Дар замони тифлӣ ҳамроҳи хоҳарашон аз волидайн ятим монда, дар хонаи хешовандон ба воя расидаанд. Модарам бо як куртаю рӯймоли рангзадаю обшуста қаноат карда, хеле одӣ мегаштанд. Он кас аз камбизоатӣ дар мактаби деҳа ба фаррошӣ пардохтанд. Модарам латтаю анҷоми фаршпоккуниро, бинобар шароит набудан, дар оби хунук шуста, аз субҳ то шом роҳраву синфхонаҳои мактабро тоза мекард. Ин ҳолати модарамро дида, азоби руҳӣ мекашидам, безобита мегаштам ва аз муаллим иҷозат пурсида, ба модарам ёрӣ мерасонидам. Ин кори маро дида шарикдарсонам гоҳе масхараам мекарданд. Ҳатто ҳамсабақам Маърифат боре гуфт:

- Амирҷон, шарм намедорӣ, ки духтар барин рӯзи дароз фарш мешӯӣ?

- Чаро шарм дорам, магар ба модар мадад кардан айб аст? - посух додам ба ӯ. Маърифат сурх шуда, аз ман бахшиш пурсид.

Ман дар мактаб ва хона ба корҳои модари беморам дасти ёрӣ дароз мекардам. Намегузоштам, ки аз ҳад зиёд кор кунад.

Ба кор даромадани модарам ҳам рӯзи моро беҳ накард, ташвиши рӯзгорамон зиёдтар шуду кам не, вале мо дар мактаб бо баҳои хубу аъло мехондем, шабҳои дароз ба мутолиаи асарҳои бадеию таълимӣ машғул мешудем. Раҳнамоиҳою таъкидҳои модар барои мо - фарзандонаш чун қонуни нонавишта таъсир дошт ва омӯзгоре ба волидайнамон аз одобу дониш, ахлоқу маърифати мо шикоят намекард.

Ранҷу машаққатҳои модари ғамгусорамро ҳеҷ гоҳ фаромӯш сохта наметавонам. Як лаҳза ором қарор надошт, аз субҳи содиқ то як поси шаб ташвиш мекашид. Мо – ҷигаргӯшаҳояш, ки калон шуда, «қанот бароварда», чун кабӯтарон ба ҳар самт парвоз карда рафтем, бо дуою фотеҳааш ба воя расидем, ӯ ҳатто ҷони худро аз мо дареғ намедошт...

Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки фармудаанд: «Зан-модар тавлидгару мураббии инсон ва устоди беназири фарзанд аст, нахустин мактаби инсон мактаби модар мебошад, ки ҳамаи мо таҳти парасторӣ ва меҳру навозиши ӯ ба камол расидаем, сабақи одамият омӯхтаем»...

Он субҳро ҳаргиз фаромӯш карда наметавонам. Хабари марги модар гунгу кӯру карам кард. Аз алами ҷудоӣ зор-зор гиристам. Донистам, ки одамӣ рӯзе дунёи фониро тарк месозад ва аз ӯ танҳо хотира мемонад...

Осуда бихоб, модар! Руҳат шоду манзили охиратат обод бод!

**Шариф ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ЁДИ МОДАР



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши зан-модар гуфтаанд: «Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад». Ин ҳақиқатро мо ҳар рӯз дар симои модарон мушоҳида мекунем. Вақте модар мегӯем, руҳамонро эҳсоси хубе фаро мегирад. Чунки азизу муқаддастар аз ӯ касе нест. Қиматтарин неъмати дунёст, ҳимматбаланд ва бахшояндатарин мавҷуд аст. Мисли замин танҳо ва яктост. Навозиши дастонаш бахшандаи тафреҳу давост.**

Зиндагӣ моҳиятан шеър аст, ки бо аллаи модар оғоз мешавад ва бо он хотима меёбад. Дуои модар фарзандро хушбахту шуҳратёр мегардонад.

Агар ободию суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, ободии ҳар хонадон аз маърифат ва тандурустии зан-модар вобаста аст. Нақши модар дар тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг, донишҳои муосир ва умуман камолоти маънавӣ ва ҷисмонии фарзанд хеле барҷаста мебошад.

Ривоятест, ки рӯзе як нафар пеши пайғамбар меояд ва мепурсад:

- Эй расули Худо, ба кӣ хушрафторӣ кунам, киро хуб нигоҳ кунаму эҳтиром бинамоям?

Пайғамбар мегӯяд:

- Ба модарат.

Боз мепурсад:

- Баъд ба кӣ?

Пайғамбар боз мегӯянд, ки «ба модарат». Он шахс дафъаи сеюм мепурсад. Пайғамбар «боз ба модарат» мегӯяд.

Вақте дафъаи чорум мепурсад, пайғамбари гиромӣ «ба падарат» мегӯяд.

Бузургии модар боз дар он зоҳир мегардад, ки бузургтарин неъмати дунё - фарзандро ба дунё меорад. Шабу рӯз дар фикри он аст, ки фарзанд бузург, донишманд, ҳунарманд шавад, дар ҷомеа инсони саҳмгузор гардад.

Модари ман омӯзгори фанни химия буданд. Солам ба ҷое расида бошад ҳам, вақте дохили хона мешудам, пеш аз ҳама, модарамро мепурсидам. Гарчанде худ модар, тарбиятгар бошам ҳам, вале ба маслиҳати модарам ниёз доштам. Дар рӯзҳои ид ҳамроҳи модарам ба пухтани озуқ машғул мешудем. Мегуфтам, очаҷон чӣ хел хамири озуқро шӯрам, зеро агар ман онро шӯрам, бемаза ва агар ба гуфтаи шумо тайёр кунам, хеле бомаза мешавад. Модарам маслиҳат медоданду ман хамирро мешӯридам. Вақте додарам Фаридун аз кор меомад, мепурсидам, ки хӯрок мехӯрӣ. Мегуфт:

- Хӯрокро кӣ тайёр кардааст? Агар мегуфтам, ки ман, ҷавоб медод, ки «не, ман бо ҷӯраҳоям хӯрок хӯрдам». Агар мегуфтам, ки «модарам хӯрок пухтааст», ҳатман тановул мекард.

Аз модарам дӯхтани шероз, бофтани тӯр, ҷӯроб, омода кардани ғизою меҳмондориро омӯхтаам. Маҳз бо дуои модар ва дастгириаш ба ин мартаба расидам. Дарси фазилати инсонӣ ва хоксориро аз модарам таълим гирифтам.

Барои ҳар шахс аз даст додани модар фоҷиаи гарон аст. Модарҷон, куҷоӣ, ки сар ба китфат гузораму бо навозиши дастонат хастагиам рафъ шавад ва неруя тавон бигирам. Бо дидани симои нуронию зебоят зиндагӣ бароям рангинтар шавад, бо шунидани ҳарфҳоят ба оламу одам дилгарм гардам...

Ҳар субҳу шом пеши назарам меоӣ, модарҷон. Аммо боре ҳам дар хобам намедароӣ. Шояд аз ман хафа шуда бошӣ. Ғамзада аз хона берун мераваму бо фикри ту ба кор ва аз кор бегоҳӣ ба хона бармегардам, вале дарро ба рӯям намекушоӣ. Намепурсӣ, ки духтарҷон, чаро дер кардӣ, корҳоят хубанд, гушна мондӣ, хӯрок мехӯрӣ? Дигар касе мисли ту меҳрубониям намекунад, аҳволамро намепурсад. Чӣ илоҷ, бояд сабр кунам, сабре, ки аз ту омӯхтаам.

Хонаи охиратат пурнур, ҷоят ҷаннат, руҳат шод, манзили охиратат обод бод, модарҷон!

**Нигина САФДАРОВА,**
**«Садои мардум»**

# БУЗУРГТАР АЗ ҲАМА

**Модар волотарин офариниши ҳама олам, сарманшаи ҳастӣ, мададгор, ҳамрозу ҳамдами ҷигарбанд ва маҳбубтарин барои ҳар инсон буда, ҷойгоҳи ӯро дар тамоми ҳаёт касе ва ё чизе иваз карда наметавонад. Ӯ ягона офаридаест, ки на танҳо баҳри фарзандаш, балки тамоми башар зиндагӣ карда, барои татбиқи ин рисолати муқаддасаш ранҷ мекашад.**

Бале, сабуриву қаҳрамонии модар аст, ки дар як гӯшаи олам ҳазорон нафарро ба дунё меораду дар сарзамини дигаре ҳазорҳо фарзандро аз даст медиҳад. Ӯ кайҳо дарк намудааст, ки зиндагӣ бе пастию кулфату мубориза нест ва танҳо фариштаи заминӣ қодир аст, то бузургони ҳар давру олам, фарзонафарзандони миллат, паҳлавонони ғаюр ва меҳандӯстони асили Ватанро ба дунё ораду ба камол расонад. Аз муҳаббати бекарону пойдори модар занҷирҳои баста кушода шуда, бо дуои некаш шахс ба мартабаи бузург мерасад. Китфони нозуки модар иқтидори онро ҳам доранд, ки сангинтарину азимтарин душвориҳои сарнавиштро таҳаммул кунанд. Модарон қодиранд аҳли хуфтаро аз нокомӣ, мухолифат, ҷаҳолат, бегонапарастию хурофоту торикӣ бароварда, дар ҳаёти насли солим саҳифаи тозаеро боз намоянд.



Хушбахтона, Тоҷикистони азизи мо таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз кишварҳои муваффақи олам аст, ки дар он модарону бонувон мақому мартабаи олӣ доранд. Зани тоҷик имрӯз қаҳрамон-модар, роҳбари мушфиқ, олими ҷаҳондон, сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ, шоири шаҳир, низомии содиқ, варзишгари моҳир, омӯзгору тарбиятгари шоиста, табиби пуркор, ронандаи соҳибтаҷриба, соҳибкори муваффақ ва дигар пешаву ҷойгоҳи ифтихориро соҳиб мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш таъкид кардаанд: «Аҷдоди пуршарафи тоҷикон - мардони ориёӣ ҳанӯз се ҳазор сол пеш барои ба ҷо овардани эҳтироми занону модарони худ ҷашни хосае доштаанд ва чунон ки аз гуфтаҳои донишманди бузург Абурайҳони Берунӣ бармеояд, иди занон дар сарзамини аҷдоди мо дар моҳи сеюми зимистон, ки онро исфанд мегуфтанд ва ин моҳ имрӯз низ дар тақвими баъзе халқҳои ориёӣ вуҷуд дошта, ба охири моҳи феврал ва аввали март мутобиқат дорад, ҷашн гирифта мешуд».

Бо ибораи дигар, тақрибан мутобиқ ба ҳамин рӯзҳое, ки алҳол мо ҷашн мегирем, Абурайҳони Берунӣ менависад: «Исфандормаз фариштаи ваколатдор бар замин аст ва низ ба занҳои дурусткору хайрхоҳ ваколатдор аст. Ва дар замони гузашта ин моҳ ба василаи ин рӯз иди занон будааст. Ва ин расм ҳанӯз дар Исфаҳону Рай ва дигар кишварҳои Паҳла боқӣ мондааст. Ва онро ба форсӣ «муждагирон» мегӯянд».

Маълум мешавад, ки ин таомул аз замонҳои хеле қадим тақрибан то асри XII боқӣ будааст. Ҳатто дар Рими қадим, ки дар он ҷо ҷашни занон вуҷуд доштааст, баъзе олимон тахмин кардаанд, ки ин расм ба он кишвар аз ватани ориёиҳо рафтааст.

Ҳоло соҳае нест, ки дар он бонувон муваффақ набошанд ва ҳини мулоқот аксари бонувон иқрор мекунанд, ки ба туфайли соҳибистиқлолӣ ва дастгирии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шуғли дӯстдоштаашон машғуланд.

Муҳимтар аз ҳама, албатта, ин таҳкими маърифату ҷаҳонбинии бонувон аст, ба қавли бузургон бемаърифатии мард бар зарари ӯст, вале зан агар чунин бошад, ҳар узви ҷомеа зарар мебинад. Аз ин рӯ, сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат низ ба он равона шудааст, ки ҷавондухтаронамон бояд соҳибмаърифату хештаншинос бошанд, то ҷомеаи мо ҳамеша солиму пешрафта бимонад. Бахусус, ҷаҳони имрӯзи зудтағйирёбанда ба бонувони хирадманд, донандаи илмҳои муосир, фарҳангпарвару равшангари масири солим ва васлгари наслҳо ниёзи бештар дорад. Дар ҳама давру замон модарону бонувон пули иттиҳоду ҳамдилӣ, раҳму шафқат ва муҳаббату ғамхорӣ буданд, башариятро ба созишу сулҳофарӣ раҳнамун месохтанд ва ин рисолатро имрӯз ҳам набояд аз даст диҳанд.

Табиист, ки зан ё мард дар танҳоӣ мавҷудоти ноқисанд ва дар идомаю пешравии ҳаёт ҳар ду ба ҳам ниёз доранд. Танҳо ҳаммаромию иттиҳод, бофаросатию маърифатпарварӣ ва меҳру муҳаббати бепоёни онҳо ба якдигар метавонад оила, ҷомеа ва давлатро устувору побарҷо нигоҳ дорад. Биноан, фарзандонро мебояд, ки хоса дар айёми ниёзмандию солмандӣ модаронро бе касу танҳо нагузоранд, асои дасти эшон бошанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз хотир набароранд: «Биҳишт зери қудуми модарон аст». Ҳарчанд наметавон ҳатто захмати якшабаи кашидаи модарро ҷуброн кард. Модарон бузургтар аз онанд, ки дар бораи онҳо эҷод кардаанду гуфтанду суруданду меофаранд.

**Машҳур ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

# МОДАРИ ХУШНАЗАРАМ

**Нафаре нест, ки модари худро дӯст надорад. Ин дӯстдорӣ бо шаклу шеваҳои гуногун зоҳир гардида, ҳар қадом вобаста ба махсусияту назокат беназир аст. Вале ашхосе ҳастанд, ки бо ба маъраз гузоштани эҳтирому муҳаббати хоса ба модари худ дигаронро ба ин кор таҳрик мебахшанд. Ба ибораи дигар, чунин фардҳо намунаи ибрат маҳсуб мешаванд. Барои ман, ки модари ду фарзандам, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин шахс маҳсуб шуда, ба шарофати ихлосу эҳтироми ӯ ба модари бузургворашон муҳаббати ҳамагон ба модар афзуд.**

Маҳз ба шарофати қадршиносии Пешвои миллат дар тақвими мо Рӯзи Модар ҷойгузин шуд, то таваҷҷуҳу арҷгузории хоса ба бузургиву зебоӣ ва азамату олиҳимматии модарони поксиришту офарандагони ҳаёти инсонӣ собит гардад. Агар моҳияти ин санаро мухтасар бозгӯӣ намоем, он аз муҳаббату самимият, покиву садоқат ва ҳурмату эҳтироми беандоза таркиб ёфта, дар чунин сатҳ таҷлил шуданаш мантиқан сари таъзим фуруд овардан назди олиҳаест, ки тамоми ҳастии худро барои камоли инсоният сарф намудааст.

Вақте дар бобати меҳру муҳаббати модарон сухан меронем, пеш аз ҳама, бояд дарк намуд, ки он беинтиҳо асту тимсоли малоҳати ҳусн, гармии қалб, латофати эҳсос ва наҷобати рафтор мебошад.

Бегуфтугӯ, инкишофи маънавӣ ва тарбияи ахлоқии фарзанд, қабл аз ҳама, ба нақши модар вобастагӣ дорад, зеро дар хона маҳз модар эҳсоси меҳрубониву ҳамдардӣ, ҳамдиливу ғамхорӣ, муҳаббат ба наздикон, сабру таҳаммул ва тартибу низоми хонаводаро фароҳам оварда, ба фарзандони худ расму таомули оилавиро меомӯзонад.

Модари ман ба маънои том хушназар аст. Ҳарчанд аз хурдӣ пешаи журналистикаро дӯст медошт, вале завраҷи зиндагӣ ӯро аз соҳили мурод фарсаххо дур бурд. Сарфи назар аз ин, хушназар будани модарам ба ҳошия нарафт ва ӯ завқу салиқаи волояшро дар заминаи ҳунари дӯзандагӣ ба маъраз гузошт.

Ӯро нахуст куртаҳои шинаму зебои дӯхтаи модараш, ки бонувони ҳамсоя ба бар мекарданд, ангеза медиҳад, то ин ҳунарро омӯзад.

Вақте модараш куртаи нав ба тан мекард ё либоси омодакардаашро ба фармоишгар пешниҳод менамуд, ҳисси кунҷковии модарам бештар мегардиду бо суолҳои бешумор, ба қавле, модарашро безор мекард. Мароқ зоҳир намуданаш ба ин касб то ҳадде буд, ки барои лӯхтакҳо аз боқимондаи матои куртаҳои дӯхтаи модараш либос омода мекард.

Аз модаркалонам ёдовар мешаваду ашк дар чашмонаш ҳалқа мезанад. Ӯ ҳамеша мегуфтааст, ки ҳунарманд ҳеҷ гоҳ муҳтоҷи каси дигар намешавад. Ба ҳамин хотир мехост, ки духтараш касби ӯро омӯзад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Дар синфи 7-ум модарам ҳунари дӯзандагиро аз бар мекунад ва падараш ба ӯ дастгоҳи либосдӯзӣ туҳфа менамояд. Нахустин либосҳоро барои модару хоҳаронаш дӯхтааст, ки хеле зебо будаанд. Маҳсули дастонаш зуд дар маҳалла ва баъдан дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, зодгоҳаш, машҳур мешавад. Сипас, тақдир ӯро ба шаҳри Душанбе меорад. Дар пойтахти кишвар, ки рақобати касбӣ бениҳоят шадид аст, комёб будан на ба ҳар кас муяссар мегардад. Хушбахтона, модарам боз аз як имтиҳони ҷиддӣ - қонеъ намудани талаботи мизоҷонаш дар пойтахт сарбаландона мебарояд. Ҳоло бонувони пойтахт бо тарзи нав ва либоси мӯдшуда фармоиш медиҳанд ва модарам талаботи онҳоро қонеъ менамояд. Бонувони фармоишгар аз кораш қаноатманданд.



Чун ба рафтору гуфтор ва пиндори модарам таваҷҷуҳ зоҳир менамоям, бори дигар ба садоқаташ ба касб муътақид мегардам. Манзурам мунтазам такмил додани касбияташ аст. Ба касби интихобкардааш муносибати дуюмдараҷа надорад. Аз нигоштаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизиону радио, ки ба дӯзандагӣ бахшида мешуданд, нозукиҳои пешаро омӯхт ва дар дӯхти куртаҳои тоҷикӣ навгониҳо ҷорӣ намуд, ки ба мизоҷон хеле писанд омад. Аз ин лиҳоз, талабот ба куртаҳои дӯхтааш бештар шуд. Вақте аз ӯ дар бораи нозукиҳои дӯзандагӣ пурсон мешавам, он қадар ботафсил шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки андеша дар мавриди касби одӣ будани дӯзандагӣ ботил мегардад.

- Дӯзанда бояд пуртоқат бошад, касбашро дӯст дорад, аз назокатҳои мӯд огоҳ ва покизакор бошаду ба ақидааш устувор. Дақиқкорӣ, чолокӣ, чобукии дастон ва тобоварии ҷисмонӣ сифатҳои дигари нисбатан муҳими касби дӯзандагӣ мебошанд. Ҳунари дӯзандагӣ дар назари аввал осон менамояд, аммо баъд аз ворид шудан ба муҳити пурмашаққат душвории ин касб маълум мегардад. Дӯзандагӣ нозукиҳои зиёд дорад ва надонистани он мушкилиҳои зиёд пеш меорад. Завқу салиқа ва донишу таҷриба барои намояндаи ин касб нақши асосӣ мебозанд. Дӯзанда бояд ба шакли матоъ, махсусияти дӯхтани пироҳан, интихоби сӯзан ва ришта таваҷҷуҳи хос зоҳир кунад. Дарозии кӯк, пора кардани матоъ, санҷидани сифати он, пайваст намудани ҷузъҳои матоъ бо ёрии дарзҳо, омода кардани дастгоҳи дӯзандагӣ ва нигоҳубини онро донад,- таъкид мекунад модарам.

Маҳз ҳамин махсусияти фаъолият боис гардидааст, ки ба модарам бештар навхонадорон дӯхтани либосҳои арӯсиро фармоиш медиҳанд. Мо, фарзандон, ифтихормандем, ки ҳунару истеъдоди дӯзандагии ӯ на танҳо дар пойтахт, балки дар ноҳияҳои атрофи шаҳр низ маъруф аст. Ҳамчун мутахассис соҳибном ва миёни ҳамкорон соҳибэҳтиром аст. Ӯ бисёр зани меҳрубон аст, аз ҳамкасбон ёриашро дареғ намедорад. Поси шаб ба хона меравад ва субҳ бо ширинии лазизе дар даст ба корхона раҳсипор мегардад.

Модарам аз он қаноатманду сарафроз аст, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳунарҳои мардумӣ рушд намуд. Маҳз дар ин замина занони тоҷик бо пӯшидани либосҳои миллӣ фарҳангу тамаддуни миллии тоҷиконро ҳифз ва муаррифӣ менамоянд.

Иродаи қавии модар, накукору нексиришт буданаш барои мо, фарзандон, шоистаи пайравист. Хислатҳои ҳамидаи модар одамияту самимияти моро бештар карда, водор месозад, ки таври шоиста қарзи фарзандии худро дар наздаш ба ҷо орем. Ҳамеша модарро гиромӣ медорам, хуб дарк мекунам, ки ин фариштаро на танҳо дар рӯзҳои ҷашн гиромӣ бояд дошт, балки ҳамарӯза ба қадри худфарсоиву ҷоннисорӣ, муҳаббату меҳрубонии он расидан қарзи инсонии мо - фарзандон маҳсуб мешавад. Биноан, дар Рӯзи Модар пеши пояш саҷда ва иброз хоҳам кард: «Шумо сафобахшандаи ҳаёт, аз ҳама қиматтарин шахс дар олами ҳастиед. Бузургии Шумо ҳамчун олиҳаи покиву садоқат, чароғи хонадон, мураббии ғамхору меҳрубон ва ҳидоятгари некиву накукорӣ бояд бо меҳру муҳаббат арҷгузорӣ ва ситоиш гардад. Меҳри беҳамтои Шумо ба мисли хуршед аст, ки ба тамоми ҷаҳон саховатмандона нурпошӣ мекунад. Ҳусни ҳаёту файзи зиндагонии мо аз Шумо аст ва Шумо шабеҳи ситораи дурахшоне ҳастед, ки бо нерумандии атокардаи Худо роҳи мо, фарзандонро дар тӯли зиндагӣ равшан сохтаед. Дар маҷмуъ, ҳама пешравиҳои мо, фарзандон, самараи заҳмати шабонарӯзии Шумо аст, Модар!».

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427514 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Масолеҳи сохтмонӣ ва ашёҳои лозима барои омода ва ороиши саҳнаи чорабинии фарҳангӣ бахшида ба таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз-2025 дар Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 29 | 05.03.2025 10:00:00 |
| 2 | 427515 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Реквизитҳои махсуси театрӣ барои саҳнаи чорабинии фарҳангӣ бахшида ба таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз-2025 дар Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 12 | 05.03.2025 10:00:00 |
| 3 | 427516 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оиди омода, ороиши саҳна ва гузаронидани чорабинии фарҳангӣ бахшида ба таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз-2025 дар Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 05.03.2025 10:00:00 |
| 4 | 427503 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии №1-и ноҳияи Шоҳмансур» | Либоси махсус ва матои варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 21.03.2025 15:23:00 |
| 5 | 427502 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони пул ва иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунии роҳи осоишгоҳ дар ноҳияи Варзоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.03.2025 15:25:00 |
| 6 | 427505 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дарахт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 21.03.2025 15:30:00 |
| 7 | 427507 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ ва азнавсозии айвончаҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ дар МД «Ширхоргоҳ-кӯдакистон»-и №4-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.03.2025 15:35:00 |
| 8 | 427504 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ ва азнавсозии айвончаҳо ва ҳавзаҳои шиноварӣ дар назди МД «Ширхоргоҳ-кӯдакистонҳо»-и №62,77,98,90, 51-и ноҳияи Сино ва №84-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.03.2025 15:40:00 |
| 9 | 427508 | Муассисаи таълимии томактабӣ дар кӯдакистони №2-и ноҳияи Рӯдакӣ | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 28 | 21.03.2025 16:25:05 |
| 10 | 427509 | Муассисаи давлатии маркази саломатии шаҳрии № 13 | Варақаҳои тиббӣ, канселярӣ ва молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 21.03.2025 16:45:08 |
| 11 | 427506 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либоси махсус | Озмуни кушод | Мол | 11 | 21.03.2025 17:03:00 |
| 12 | 427510 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои шуъбаи технологияи бордоркунии сунъӣ ЭКО | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.03.2025 18:00:00 |
| 13 | 427511 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои толорҳои ҷарроҳии шуъбаи осеббардории МД «Маркази миллии тиббии «Шифобахш» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.03.2025 18:18:35 |
| 14 | 427513 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хоруғ | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 21.03.2025 18:25:00 |
| 15 | 427519 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Молу масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 24.03.2025 08:46:05 |
| 16 | 427520 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Тухмии алафҳои ҳамешасабз ва ниҳоли дарахтҳои ороишӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 24.03.2025 08:50:59 |
| 17 | 427521 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Парчамҳо ва таҷҳизоти баркдиҳию кафшеркунӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 24.03.2025 08:55:38 |
| 18 | 427518 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | Азнавсозӣ ва барқарорсозӣ дар қитъаҳои садамавии хати магистралии газгузарӣ ба самти «МБГ-1» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 09:00:00 |
| 19 | 427522 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ кӯдакистони №144»-и шаҳри Душанбе | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 29 | 24.03.2025 09:03:00 |
| 20 | 427523 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷорӣ ва таҷдиди асосии бинои маъмурии бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 09:20:00 |
| 21 | 427525 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷорӣ ва таҷдиди асосии бинои маъмурии шуъбаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 09:50:00 |
| 22 | 427527 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Мебел, матрас ва техникаи маишӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 24.03.2025 09:56:58 |
| 23 | 427528 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 52 | 24.03.2025 10:08:13 |
| 24 | 427529 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Маводи хоҷагидорӣ, маводи ошхонавӣ, уребчаҳо, ашёи гигиенаи шахсӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 24.03.2025 10:20:06 |
| 25 | 427524 | Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 24.03.2025 10:21:53 |
| 26 | 427530 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Инвентари нарм, либоси болоии мулоим, маҷмуи катҳои хоб ва қолинҳои роҳрав | Озмуни кушод | Мол | 30 | 24.03.2025 10:26:22 |
| 27 | 427531 | Муассисаи давлатии раёсати ободонӣ ва кабудизоркунии ноҳияи Варзоб | Гази моеъ ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 24.03.2025 10:35:00 |
| 28 | 427532 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои мактаб интернати махсус барои кӯдакони нуқсондор (кару гунг) воқеъ дар микроноҳияи 18-уми шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои заминӣ, оҳанубетонӣ, хиштчинӣ ва пардоздиҳӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 10:43:29 |
| 29 | 427533 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои маъмурии Суди вилояти Суғд (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ-геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 24.03.2025 10:49:28 |
| 30 | 427534 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар Маркази саратоншиносии вилояти Суғд (идомаи корҳои барқтаъминкунӣ ва огоҳкунии зиддисӯхтор) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 10:53:12 |
| 31 | 427535 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд дар шаҳри Хуҷанд» (сохтан ва ҷойгиркунии муҷассамаҳо ва нимпайкараҳои шоирону адибон ва шахсиятҳои маъруфи халқи тоҷик дар бинои осорхона) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 10:57:10 |
| 32 | 427536 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45 - ҳуҷрагӣ дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои оҳанубетонӣ, хиштчинӣ ва бомпӯшкунӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 11:01:45 |
| 33 | 427537 | МД таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим»-и шаҳри Душанбе | Маводҳои хоҷагӣ, канселярӣ ва сарулибос | Озмуни кушод | Мол | 56 | 24.03.2025 11:30:00 |
| 34 | 427526 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Сохтмони беморхона дар маркази ноҳияи Шуғнон (идомаи корҳои сохтмонӣ) корҳои пардозӣ ва насби таҷҳизоти сантехникӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 24.03.2025 13:00:00 |
| 35 | 427538 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №67»-и ноҳияи Шоҳмансур | Маҳсулоти ширӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 24.03.2025 13:05:44 |
| 36 | 427539 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ кӯдакистони №56» | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 21 | 24.03.2025 13:18:05 |
| 37 | 427540 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №64»-и ноҳияи Шоҳмансур | Маҳсулоти ширӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 24.03.2025 13:23:50 |
| 38 | 427541 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ кӯдакистони № 80»-и ноҳияи Сино | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 26 | 24.03.2025 13:29:50 |
| 39 | 427542 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ кӯдакистони №66» | Хӯроквори | Хӯроквори | Мол | 27 | 24.03.2025 13:40:02 |
| 40 | 427517 | Муассисаи давлатии «Мактаби вилоятии варзишӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Молҳои рӯзгор, канселярӣ, варзиш, сохтмон, қолин, кондитсионер ва мебел | Озмуни кушод | Мол | 46 | 25.03.2025 08:20:24 |
| 41 | 427512 | Ширхоргоҳ-кӯдакистони №2-и шаҳри Хоруғ | Хӯроквори | Озмуни кушод | Мол | 34 | 27.03.2025 09:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## Запрос предложений
## (Процесс одноконвертных торгов)

**Страна: Таджикистан**

**Название проекта: Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане**

**Название контракта: Строительство новых центров раннего обучения (ЦРОД):**

**Лот 1 – район Таджикабад (7 ЦРОД);**

**Лот 2 – район Вахш (4 ЦРОД);**

**Лот 3 – район Варзоб (4 ЦРОД).**

**Ремонт существующих центров раннего обучения (ЦРОД):**

**Лот 4 – район Джайхун (2 ЦРОД).**

**Грант №: D607-TJ**

**Ссылка на ПУТ: MOF/ECDP/RFB/024/7**

1. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, являющегося исполнительным Агентством Проекта, получил финансирование со стороны Всемирного банка в счет стоимости Проекта раннего детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, Грант D607-TJ и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контрактам строительство новых центров раннего обучения (ЦРОД):Лот 1 – район Таджикабад (7 ЦРОД); Лот 2 – район Вахш (4 ЦРОД); Лот 3 – район Варзоб (4 ЦРОД). Ремонт существующих центров раннего обучения (ЦРОД): Лот 4 – район Джайхун (2 ЦРОД).

2. Группа реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане при Министерстве финансов Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на: Строительство новых центров раннего обучения (ЦРОД):Лот 1 – район Таджикабад (7 ЦРОД); Лот 2 – район Вахш (4 ЦРОД); Лот 3 – район Варзоб (4 ЦРОД). Ремонт существующих центров раннего обучения (ЦРОД): Лот 4 – район Джайхун (2 ЦРОД).

3. Все объекты ремонта ЦРОД предусматривают средний ремонт для обеспечения нормальных условий функционирования объекта, включая демонтаж и установку новых электрических проводов, замену трубопроводов, демонтаж и установку внутренних отделок стен, потолков и полов и т.д.

4. Участники торгов могут подавать конкурсные предложения по одному или нескольким контрактам, как это дополнительно определено в тендерной документации. Участники торгов, желающие предложить скидки в случае присуждения более одного контракта, могут сделать это при условии, что эти скидки включены в письмо с конкурсным предложением.

5. Торги будут проводиться в рамках национальных конкурсных закупок с использованием приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)», и открыты для всех участников торгов, как это определено в положениях о закупках.

6. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от г-на Маджиди Юсуфа Хайрулло директора группы реализации Проекта раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане, по адресу эл. почты **info@edcp.tj** и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время. с 09:00 до 17:00 по указанному ниже адресу: г. Душанбе, ул. Шероз 35, 7-ой этаж, здания Министерства финансов Республики Таджикистан. Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу на безвозмездной основе.

7. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам. Тендерный ящик № 1, город Душанбе, Республика Таджикистан, не позднее 2 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.

8. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу: улица Шотемур 27, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, отдел по закупкам, город Душанбе, Республика Таджикистан 2 апреля 2025 г., 15:00 по местному времени.

Электронные торги не будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены.

9. Все конкурсные предложения должны сопровождаться Гарантией обеспечения конкурсного предложения: **MOF/ECDP/RFB/024/7 (Лот-1): 105 900,00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/7 (Лот-2): 26 000.00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/7 (Лот-3): 67 000,00 сомони MOF/ECDP/RFB/024/7 (Лот-4): 35 000.00 сомони.**

10. «Обращается внимание на положения о закупках, требующие от Заемщика раскрывать информацию о бенефициарном владении победившего участника торгов в рамках уведомления о присуждении контракта, используя форму раскрытия информации о бенефициарной собственности, включенную в тендерный документ.» – не применимо

Упомянутый выше адрес(а):

**Офис:** Группы реализации Проекта раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.

**Имя и должность сотрудника:** Маджиди Ю.Х. директор ГРП РРД.

**Адрес:** ул. Шероз 35, 7-ой этаж здания Министерства финансов РТ, г. Душанбе, Республика Таджикистан.

Электронной почты: **info@edcp.tj**

Веб-сайта: **Ecdp.tj**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии роҳиоҳанчиёни шаҳри Душанбе соли 1990, ба Музафаров Валихон Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2024, ба Нурализода Маҳмадали Талбак додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2020, ба Мирзиёев Меҳроҷ Ҷонибекович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома ва гувоҳномаи РМА-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 20 сентябри соли 2023 ба ҶДММ «Лоҳур Тиҷорат» (РМА 120046158, РЯМ 1210015611) додааст, эътибор надоранд.

✓ Маълумотномаи маъюбии гумшуда бо силсилаи №0161820, ки онро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, хонаи 106, ба Алиев Абубакр Саидамонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0016350 бо қайди №213, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2010, ба Пиров Мустафо Хайруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда барои ҳавлидорӣ тахти №1631, ки онро Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ дар шаҳри Душанбе моҳи январи соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Дӯстии халқҳо, бинои 21, ҳуҷраи 17, ба Набиев Негматулло Ганиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ таҳти №23087-02, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон 15 сентябри соли 2023, ба Шарипов Абдурахмон Фарухович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ, бинои 2, ҳуҷраи №34, ба Муродов Искандар Иброҳимович додааст, эътибор надорад.

✓ Мошинаҳои гумшудаи назорати хазинавӣ-фискалии «ОКА ПФ» таҳти №00036751 ва 37229 мансуб ба ҶДММ «Маркази тарҷумонии баён» (РЯМ 0410003266, РМА040029399), эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии силсилаи А01449654, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 11 июли соли 2018 ба Ҷалолов Воҳидҷон Амонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бо РМА 125569826, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба Тупалов Фазлидин Буриевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи гумшудаи меҳнатӣ, мутааллиқ ба Сатторов Рустам Абдуғаффорович, эътибор надорад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 марти соли 2025, соати 09:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора
С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97